инсон баромад мекунад. Дар ин замина, баланд бардоштани сатҳи омодагии касбӣ ва ҳуқуқии кормандон, ташаккули сатҳи баланди ҳуқуқшиносӣ ва фарҳанги ҳуқуқии шахсоне, ки дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ва ҳуқуқҳифзкунӣ иштирок доранд, аҳамияти махсус касб мекунад. Ҳамзамон, институтҳои назорати ҷамъиятиро ҳамчун шакли иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ инкишоф додан зарур аст. Омили муҳими навсозии низоми ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳо ин ҷорӣ намудани технологияҳои рақамии муосир мебошад, ки ба баланд бардоштани шаффофият, оперативӣ ва самаранокиро дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ва дар дигар институтҳои давлатӣ мусоидат мекунад.

Аз ин рӯ, таҳқиқи нақш ва вазифаҳои мақомоти корҳои дохилӣ дар сохтори механизми давлатӣ-ҳуқуқии таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун як самти илман муҳиму иҷтимоӣ муносиб арзёбӣ мегардад. Гузаронидани чунин таҳқиқот ба дарки мукаммали мушкилоти мавҷудаи танзими меъёрӣ ва сохтори институтсионалӣ мусоидат намуда, имкони муайян намудани камбудиҳои ҳуқуқӣ ва ташкилиро дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ фароҳам меорад. Натиҷаҳои ба даст омада метавонанд заминаи таҳияи пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати такмили заминаи ҳуқуқӣ, беҳтаркунии сохтори функсионалӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ин мақомоти дахлдор гарданд. Илова бар ин, таҳияи тавсияҳои илмӣ асоснок ба таҳкими механизмҳои кафолатдиҳӣ ва татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионии шахс дар шароити равандҳои тағйирёбии ҷомеа, ки хоси давлати ҳуқуқии муосир мебошанд, мусоидат хоҳад кард.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Таъмин ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон яке аз масъалаҳои калидӣ ва мумбрами илми ҳуқуқшиносӣ ба шумор рафта, дар маркази таваҷҷуҳи олимон ҳам дар давраи шӯравӣ ва ҳам дар марҳилаи муосир қарор дорад. Масъалаҳои ҳифз ва риояи ҳуқуқ ва озодиҳои шахс дар осори илмии ҳуқуқшиносони тоҷик васеъ инъикос ёфтаанд. Ҷанбаҳои мухталифи ин масъала дар асарҳои З. Ализода [13, с. 22-30], У.А. Азиззода [12, с. 435-439], Б.С. Гадоев [14, с. 49-62], [15, с. 100-112], А.И. Имомов [6, с. 224], А.М. Диноршоев [4, с. 209], Д.З.

Маҷидзода [5, с. 287], З.З. Нозакзода [22, с. 213], Б.А. Сафарзода [3, с. 295], [169, с. 359], С.М. Салоҳидинова [26, с. 200], И.И. Саидов [25, с. 209], Д.С. Раҳмон [9, с. 228], И.К. Миралиев [7. с. 258], Х.М. Мирзамонзода [2. с. 186], Ш.Х. Камолов [20, с. 174], А.Ғ. Холикзода [11, с. 488], М.С. Сулаймонов [10, с. 156], Д.Х. Элназаров [18, с. 31-38], У.К. Муминов [21, с. 213], Ф.Ш. Бобоназарзода [19, с. 248] мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Таҳқиқотҳои ин муаллифон ҷанбаҳои васеи масъалаҳоро дар бар мегиранд, аз ҷумла механизмҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи инсон, таъмини озодиҳои шахсии шаҳрвандон, хусусиятҳои амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ва таъсири меъёрҳои қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ ба рушди институтҳои ҳуқуқҳифзкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Масъалаи таъмин ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ аз ҷониби чунин олимон Р.Х. Раҳимзода [8, с. 636], Р.Р. Раҳмадҷонзода (Юлдошев) [16, с. 46-48], А.М. Мансурзода [27, с. 276], А.Ш. Розиқзода [17, с. 85-92], Ф.Р. Шарифзода [28, с. 556], Р.М. Раҷабзода [23, с. 397] ва дигар мутахассисон низ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Ба мавҷуд будани шумораи зиёди корҳои илмӣ нигоҳ накарда, то ҳол дар адабиёти илмии Тоҷикистон таҳқиқоти мукаммали комплексӣ, ки ба масъалаи таъмин ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ бахшида шуда бошад, вуҷуд надорад, ки зарурати таҳқиқи низомноки ин мавзӯъро нишон медиҳад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсияи мазкур ба мавзуи илмии кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи Вазорати корҳои дохилӣ (минбаъд ВКД) Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ислоҳоти милитсия дар Тоҷикистон: назария ва дурнамоҳои он» дар солҳои 2016–2020 ва «Шуур ва маданияти ҳуқуқии кормандони МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои мубрами назария ва амалия» барои солҳои 2021-2025» мувофиқат мекунад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба омӯзиши ҳамаҷонибаи механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии

таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардида, таваҷҷуҳи асосӣ ба таҳлили нақш ва аҳамияти мақомоти корҳои дохилӣ дар ин низом зоҳир мегардад. Дар доираи ин таҳқиқот асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти мақомоти мазкур баррасӣ гардида, мушкилот ва монеаҳои институтсионалӣ, ки ба иҷрои самараноки вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда халал мерасонанд, муайян карда мешаванд. Ҳадафи асосии таҳқиқот таҳияи пешниҳодҳои илмӣ асоснок мебошад, ки ба такмили мақоми ҳуқуқии мақомоти корҳои дохилӣ, баланд бардоштани самаранокии онҳо дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи шахс ва таҳкими механизмҳои ҳамкорӣ бо дигар сохторҳои давлатӣ ва институтҳои ҷамъиятӣ равона шудааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсади мазкур дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ иҷрои як қатор вазифаҳои илмӣ ва амалии зерин зарураст, ки ба омӯзиши ҳамаҷонибаи механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷӯ ба нақши мақомоти корҳои дохилӣ дар ин низом нигаронида шудаанд:

1. Омӯзиши асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии институти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани моҳият, табиати ҳуқуқӣ, сохтор ва хусусиятҳои миллии он;

2. Гузаронидани таҳлили ҳамаҷонибаи сохтори механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои шахс, муайян намудани унсурҳои асосӣ, принсипҳои фаъолияти он ва робитаҳои дохилӣ, инчунин арзёбии самаранокии танзими ҳуқуқии амалкунанда;

3. Муайян намудани самтҳои асосии навсозии механизми мазкур, ошкор намудани мушкилоти мавҷудбуда ва норасоиҳои ҳуқуқӣ, пешниҳоди роҳҳои баланд бардоштани самаранокии он дар шароити тағйирёбии ҷомеаи муосир;

4. Гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар танзими ҳуқуқии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон бо мақсади муайян намудан ва мутобиқсозии таҷрибаи пешрафта ба низоми ҳуқуқии миллӣ;

5. Асоснок намудани мақоми ҳуқуқӣ, мавқеъ ва нақши мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионӣ, инчунин муайян намудани самти самараноки беҳтаркунии сохтори ташкилӣ-ҳуқуқии онҳо ва фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ;

6. Омӯзиши хусусиятҳои ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо дигар институтҳои давлатӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои шахсият, инчунин таҳлили амалигардонии принсипҳои калидии фаъолияти ҳуқуқҳифзкунӣ;

7. Таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳои илмӣ асоснок ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, аз ҷумла баланд бардоштани дараҷаи касбии кормандон ва рушди механизмҳои назорати ҷамъиятӣ.

Амалигардонии вазифаҳои мазкур имконият медиҳад, ки пешниҳодҳои назариявӣ ва амалии муҳим коркард карда шаванд, ки онҳо барои таҳкими кафолатҳои ҳуқуқии шахс, ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ва ба такмили низоми таъмини конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд, ки дар раванди фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ҳамчун институти калидии механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии таъмин ва ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд. Ин категорияи муносибатҳои ҷамъиятӣ ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти мақомоти корҳои дохилиро, аз ҷумла вазифаҳои ҳуқуқтатбиққунӣ, маъмурию идоракунӣ ва функсияҳои меъёрӣ-танзимиро дар бар мегиранд, ки ба кафолатдиҳӣ ва ҳифзи мақоми ҳуқуқии шахсият равона шудаанд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот**. Мавзӯи таҳқиқот маҷмӯи принсипҳо ва меъёрҳои конститутсионӣ-ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки сохтор, мақоми ҳуқуқӣ ва тартиби фаъолияти механизми таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамоянд. Дар ин замина, таваҷҷуҳи махсус ба принсипҳо, шаклҳо ва усулҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, заминаҳои ҳуқуқӣ,

хусусиятҳои функсионалӣ, механизмҳои ҳамкорӣ бо дигар институтҳои давлатӣ ва нақши онҳо дар татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқи шахс дар давлати демократӣ дода мешавад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти мазкур ба омӯзиши фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмин ва ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон бахшида шудааст. Дар рафти кор таҳлили ҳамаҷонибаи ҳуқуқӣ ва институтсионалии механизмҳои фаъолияти ин мақомот, инчунин нақши онҳо дар татбиқи кафолатҳои конститутсионии шахсият анҷом дода шудааст.

Чорчӯби давравии таҳқиқот солҳои 2020–2024-ро дар бар мегирад, ки ин бо зарурати омӯзиши тамоюлҳои муосир ва дигаргуниҳои ҷорӣ дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар шароити ислоҳоти ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва маъмурии ҷараёнёбанда алоқамандаст. Дар доираи таҳқиқот санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, ки фаъолияти ҳуқуқҳифзкунии мақомоти корҳои дохилиро танзим мекунанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, инчунин ҷанбаҳои амалии татбиқи онҳо дар солҳои зикршуда таҳлил гардиданд.

Ҳамин тариқ, рисола марҳилаи муосири рушди мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистонро фаро мегирад ва хусусиятҳои функсионалӣ, мушкилоти ҷойдошта ва дурнамои такмили онҳоро дар доираи кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон инъикос менамояд.

**Муҳиммияти назариявии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур таҳлили ҳамаҷонибаи илмии асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии таъмин ва ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад, ки тавассути омӯзиши фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ амалӣ мегардад. Дар кор таҳқиқоти системавии танзими ҳуқуқии соҳаи зикршуда ба роҳ монда шуд, ки ин барои муайян намудани нақши сохторӣ ва функсионалии мақомоти корҳои дохилӣ дар механизми татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқи шахсии шаҳрвандон имконият дод.

Дар асоси омӯзиши амиқи қонунгузории муосир, инчунин таҳлили таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, дар рисола мақоми ҳуқуқӣ, салоҳият ва ваколатҳои

мақомоти корҳои дохилӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқҳои инсон равшан карда шудааст. Дар раванди таҳқиқ мушкилоти асосӣ дар ташкили фаъолияти онҳо, ки бо омилҳои ҳуқуқӣ, маъмурӣ ва институтсионалӣ алоқамананданд, муайян гардида, зарурати такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо асоснок шудааст.

Дар таҳқиқот як қатор мавқеъгирии назариявии дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ таҳия гардиданд. Самтҳои асосии ислоҳ ва беҳтаркунии асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ пешниҳод гардидаанд, дар соҳаи таъмини ҳуқуқи инсон бошад роҳҳои баланд бардоштани иқтидори институтсионалии онҳо пешниҳод шуданд. Аз ин рӯ, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд асоси таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ, назарияи фаъолияти ҳуқуқҳифзкунӣ ва танзими ҳуқуқии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ гардида, дар амалияи қонунэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истифода шаванд.

Дар таҳияи рисола муаллиф ба осори мутахассисони маъруфи ватанӣ такя намудааст, аз ҷумла: Ф.Т. Тоҳиров, Р.Ш. Шарофзода, А.Г. Холикзода, Ҷ.М. Зоир, З.М. Ализода, Р.Х. Раҳимзода, Ф.Ш. Бобоназарзода, А.М. Диноршоҳ, З.Х. Искандарова, А.И. Имомов, Ш.Х. Камолов, И.К. Миралиев, Б.А. Сафарзода, Д.С. Раҳмон, К.Х. Солиев, А.М. Мансурзода, Н.Ҷ. Назарзода, Э.С. Насриддинзода, Л.М. Нусратов, А.Ш. Одиназода, Д.Х. Элназаров, Ф.Р. Шарифзода, Р.М. Раҷабзода ва дигарон.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Методологияи таҳқиқоти мазкур ба маҷмӯи усулҳои ҳуқуқии умумии илмӣ ва махсус асос ёфтааст, ки таҳлили ҳамаҷонибаи механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандонро бо дарназардошти фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ таъмин менамояд.

Дар раванди таҳқиқ усулҳои умумии фалсафӣ, аз ҷумла усулҳои диалектикӣ, низомӣ, функсионалӣ ва таҳлилӣ истифода шудаанд, ки имкон доданд объекти таҳқиқ ҳамчун як низоми ҳуқуқии динамикӣ, ки дар ҳолати тағйир ва рушд вобаста аз

омилҳои ҷамъиятӣ ва институтсионалӣ қарор дорад, омӯхта шавад.

Инчунин усулҳои махсуси илмҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла усулҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, назариявӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ истифода шудаанд, ки таҳлили раванди ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ ва институтҳои танзимкунандаро таъмин карданд, ки онҳо фаъолияти мақомоти корҳои дохилиро ба танзим медароранд, инчунин қонуниятҳои ташаккули амалияи ҳуқуқтатбиқкунанда муайян карда шуданд.

Яке аз самтҳои калидии таҳқиқот омӯзиши шуури ҳуқуқӣ мебошад, ки дар он таҳлили низомманд истифода гардида, шуури ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ҳамчун низоми худидорашаванда ва рушдёбанда таҳти таъсири фарҳанги ҳуқуқӣ, институтҳои иҷтимоӣ ва меъёрҳои қонунгузорӣ баррасӣ шудааст. Дар доираи ин равиш, шуури ҳуқуқии кормандон ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи шуури ҳуқуқии ҷомеа таҳлил гардид, ки ин барои муайян намудани робита байни шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ ва касбӣ имконият дод ва аҳамияти он барои фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунанда муайян карда шуд.

Истифодаи усули функсионалӣ имкон дод, ки нақши шуури ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар низоми ҳуқуқии давлат ва таъсири он ба самаранокии татбиқи ҳуқуқ ва риояи принсипи қонуният ошкор карда шавад. Усули диалектикӣ омузиши шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилиро дар раванди ташаккули он таъмин намуд, ки ин ба инъикоси ҷараёни инкишофи  ташаккули муқаррароти касбӣ-ҳуқуқӣ ва тамоюлҳои ҳуқуқӣ дар шароити ислоҳоти ҳуқуқӣ мусоидат намуд.

Инчунин, дар таҳқиқот усули эмпирикӣ истифода гардидааст, ки ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот дар бораи амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ, дарки меъёрҳои ҳуқуқ аз ҷониби кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва татбиқи онҳо дар фаъолияти касбӣ таъмин гардид. Ин усул имкон дод, ки ҳолати воқеии шуури ҳуқуқии кормандон дар низоми мақомоти корҳои дохилӣ баҳогузорӣ карда шуда, хусусиятҳо ва омилҳо, ки ба ташаккули он таъсир мерасонанд, муайян карда шавад.

Ҳамин тариқ, истифодаи усулҳои байнисоҳавӣ ва махсуси ҳуқуқӣ имкон дод, ки таҳлили ҳамаҷонибаи механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон анҷом ёбад, мушкилоти калидии фаъолияти он муайян гардида, самтҳои такмили он бо дарназардошти ҷанбаҳои назариявӣ, таърихӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва сотсиологӣ пешниҳод карда шаванд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Асоси меъёрии ҳуқуқии таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки аз ҷониби Тоҷикистон эътироф карда шуданд, инчунин қонунгузории амалкунандаи миллӣ ташкил медиҳад, ки фаъолияти мақомоти корҳои дохилиро танзим намуда, механизми ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандонро таъмин менамояд.

Дар раванди таҳқиқ таҳлили ҳамаҷонибаи амалияи ҳуқуқтатбиқкунанда анҷом дода шудааст, ки санадҳои қонунгузорӣ, ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва консептуалӣ, барномаҳои давлатӣ ва ташаббусҳои меъёрии ҳуқуқиро, ки ба такмили фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ нигаронида шудаанд, фаро мегирад. Таваҷҷуҳи асосӣ на танҳо ба ҷанбаҳои расмӣ-ҳуқуқӣ, балки ба самаранокии функсионалии ин санадҳо дар доираи иҷрои вазифаҳои ҳуқуқҳифзкунӣ диққати махсус дода шудааст.

Бо мақсади таҳқиқоти амиқ, дар таҳлил ҳуҷҷатҳои меъёрии идоравии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва стратегие, ки самтҳои асосии ислоҳот ва навсозии фаъолияти мақомоти корҳои дохилиро муайян мекунанд, низ дохил карда шудаанд.

Таҳлили манбаъҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва адабиёти илмӣ имкон дод, ки қонуниятҳои ташаккул ва рушди механизми таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон муайян шуда, самтҳои калидии такмили он дар шароити навсозии ҳуқуқӣ ва ислоҳоти мақомоти корҳои дохилӣ муайян гарданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Нововарии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки дар доираи илми конститутсионӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал таҳлили ҳамаҷонибаи танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон

ва шаҳрванд бо дарназардошти нақш ва аҳамияти мақомоти корҳои дохилӣ дар механизми таъмини онҳо анҷом дода мешавад.

Дар раванди таҳқиқот таҳлили амиқи сохтор ва муҳтавои механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқҳои инсон анҷом дода шуда, хусусиятҳои меъёрӣ ва институтсионалии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ муайян шуданд, инчунин омилҳои асосӣ, ки ба самаранокии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии онҳо таъсир мерасонанд, шарҳ дода шудаанд.

Муҳтавои асосӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, равиши илман навро ба масъалаҳои пешниҳодшуда инъикос намуда, натиҷаи дарки муаллифӣ нисбат ба вазифаҳои мумбрами такмили механизми ҳуқуқии миллӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**.

1. Таҳлили фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар кишварҳои пасошӯравӣ ва дар як қатор давлатҳои хориҷӣ дар самти ҳимоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон имконият медиҳад, ки фаъолияти онҳо асосан ба ду самти ба ҳам пайваста ва ҳамдигарро пурракунанда тақсим карда шаванд: самти муҳофизатӣ ва самти таъминотӣ. Самти муҳофизатӣ ба муқовимат бо ҷинояткорӣ, пешгирии таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ, инчунин нигоҳ доштани сохтори конститутсионӣ нигаронида шудааст. Баръакс, самти таъминотӣ ба амалисозӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шахсият равона гардида, маҷмӯи тадбирҳои чораҳои огоҳониро дар бар мегирад. Ба онҳо дохил мешаванд: огоҳонии кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ, бартараф намудани сабаб ва шароитҳо, ки барои ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидат мекунанд, маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва расонидани кумаки иҷтимоӣ. Ҳарчанд ин ду самт аз ҷиҳати мақсад, усул ва шакли татбиқ фарқ мекунанд, онҳо дар маҷмӯъ як низоми муназзами амнияти ҳуқуқӣ ва ҷамъиятиро ташкил медиҳанд. Дар асоси таҳлили ҳамаҷониба ба хулосае омадан мумкин аст, ки самаранокии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон маҳз дар натиҷаи татбиқи ҳамоҳанги механизмҳои муҳофизатӣ ва таъминотӣ амалӣ мегардад.

2. Танзими ҳуқуқии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ҳамчун маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие

муайян карда мешавад, ки ҳадафҳо, принсипҳо, салоҳият ва уҳдадориҳои мақомоти корҳои дохилиро муайян менамоянд. Онҳо ба таъмин ва ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шахс, инчунин ба ҷавобгарӣ ҷалб намудани шахсоне, ки ба ин вайронкуниҳо роҳ доданд, равона карда мешаванд. Низоми танзими ҳуқуқӣ дар ин самт, аз маҷмӯи сарчашмаҳо асос ёфтаст, дар байни онҳо: меъёрҳои конститутсионӣ, ки вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрвандро мустаҳкам карда, асосҳои фаъолияти мақомоти корҳои дохилиро муайян менамоянд; қонунҳои махсус, ки сохтори ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва ваколатҳои онҳоро ба танзим медароранд; санадҳои меъёрии зерқонунӣ, инчунин санадҳои байналмилалӣ – ҳуқуқӣ. Дар навбати худ, принсипҳои ташкил ва фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ҳамчун ҷузъи калидии меъёрӣ баромад карда, асосҳои институсионалӣ ва афзалиятҳои арзишии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқро муайян мекунанд. Таҳлили низоми принсипҳои фаъолияти милитсия имкон медиҳад, ки онҳоро ба таври шартӣ ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо намуд: ташкилӣ ва функсионалӣ. Ба принсипҳои ташкилӣ дохил мешаванд: қонуният дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, ягонагии низом ва марказонидашудагии идоракунӣ, яккаҳокимиятӣ, омезиши усулҳои ошкоро ва ѓайриошкоро, махфият, инчунин ғайриҳизбӣ. Ба принсипҳои функсионалӣ дохил мешаванд: эҳтиром ва риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, адолати иҷтимоӣ ва инсондустӣ, баробарии ҳамаи шахсон дар назди қонун, робита бо аҳолӣ ва ба инобат гирифтани афкори ҷамъиятӣ.

3. Усулҳои фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон низоми воситаҳои ҳуқуқии танзими меъёрӣ ва таъсиррасонии ташкилиро ташкил медиҳанд, ки тавассути онҳо вазифаҳои ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ, таъмини амният ва ҳимояи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон амалӣ мегарданд. Дар ҷанбаи назариявӣ ва амалӣ, ҷудо намудани усулҳои фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ба ду гурӯҳи асосӣ асоснок ба назар мерасад: – усулҳои муҳофизатӣ-пешгирикунанда ва усулҳои ҳимоявӣ-барқароркунанда. Усулҳои муҳофизатӣ-пешгирикунанда ба пешгирии вайроншавии ҳуқуқҳои инсон, ташаккули рафтори ҳуқуқшиносона ва огоҳонии

ҳуқуқвайронкуниҳо равона шудаанд. Ба ин эътиқод, корҳои фаҳмондадиҳӣ, ҳавасмандкунӣ, баррасии мурочиати шаҳрвандон ва расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ ва ичтимоӣ дохил мешаванд. Усулҳои ҳимоявӣ-барқароркунанда дар ҳолатҳои вайроншавии воқеии ҳуқуқҳо татбиқ мегарданд ва ба барқарорсозии қонуният, бартарафсозии оқибатҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва чалби гунаҳгорон ба чавобгарӣ равона шудаанд. Ба ин гурӯҳ чораҳои мачбуркунӣ, амалҳои оперативӣ-чустучӯӣ, тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ, инчунин чораҳои ислоҳӣ ва тарбиявӣ дохил мешаванд.

Дар навбати худ, шаклҳои ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон низоми қарорҳои идоракунӣ ва оперативӣ-тактикиро дарбар мегиранд, ки ҳамкории самаранокро на танҳо дар дохили сохтор, балки дар муносибат бо субъектҳои берунӣ, аз чумла дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳалиро таъмин менамоянд. Фаъолияти мазкур се чанбаи ба ҳам алоқамандро фаро мегирад. Чанбаи сохторӣ тақсимоти салоҳият ва масъулиятҳоро миёни воҳидҳои гуногуни сохторӣ дар бар гирифта, имкони ташкили воҳидҳои муваққатӣ ё гуруҳҳои махсусро барои ҳалли масъалаҳои дорои хусусияти муайян фароҳам месозад. Чанбаи функсионалӣ-мурофиавӣ ба танзими тартиби қабули қарорҳо ва ташкили ҳамкории муассир миёни сохторҳои дахлдори давлатӣ равона гардида, ба таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ва риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат менамояд. Чанбаи моддӣ-техникӣ бошад, таъмини кормандонро бо захираҳои зарурӣ ва технологияҳо дар бар мегирад, ки он оперативӣ ва самаранокии фаъолиятро баланд мебардорад.

**Пешниҳодҳои амалӣ оид ба такмили қонунгузорӣ.**

1. Дар доираи татбиқи Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021–2025 қабули Қонуни нави Чумҳурии Точикистон «Дар бораи политсия» ба нақша гирифта шудааст, ки дар он бояд як қатор муқаррарот дарч гарданд.

– таснифоти системавии ҳуқуқ ва ухдадориҳои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ вобаста ба самтҳои фаъолияти хизматӣ

(оперативӣ, маъмурӣ, профилактикӣ ва ғайра) ворид карда шавад, ки ин равшании ҳуқуқиро таъмин намуда, амалигардонии салоҳиятҳоро дар амалия содда мекунад;

– категорияҳои ҳуқуқии калидӣ «вазифа», «салоҳият» ва «ваколат» меъёран ҷудо карда шаванд ва ба қонун таърифҳои расмии онҳо ворид карда шуда, доираи истифодаи онҳо муайян карда шаванд, ки ин сифати техникаи ҳуқуқиро баланд мебардорад;

– принсипи таносуб ҳангоми истифодаи чораҳои маҷбуркунии давлатӣ, аз ҷумла истифодаи қувваи ҷисмонӣ, воситаҳои махсус ва силоҳ мустаҳкам карда шавад, ки ин ба риояи мувозинат байни таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон мусоидат мекунад;

– механизмҳои назорати ҷамъиятӣ аз болои фаъолияти политсия бо роҳи мустаҳкам намудан дар қонун меъёрҳоро дар бораи шаклҳо ва расмиёти мониторинги риояи қонуният бо иштироки шуроҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва коршиносони мустақил ба низом дароварда карда шавад.

Инчунин, дар шароити рақамикунонӣ ва рушди босуръати технологияҳо дар лоиҳаи Қонун «Дар бораи политсия» тавсия дода мешавад, ки принсипи ҳатман ҷорӣ намудани дастовардҳои илмӣ ва технологияҳои муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва қарорҳои рақамӣ ба фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ мустаҳкам карда шавад. Ин имконият медиҳад, ки самаранокии фаъолияти оперативӣ-хизматӣ баланд бардошта шавад, муқовимат ба киберҷиноятҳо ва таҳдидҳои транссарҳадӣ таъмин карда шуда, низоми ҳифзи ҳуқуқ ба таҳдидҳои замони рақамикунонӣ мутобиқат карда шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои илмии бадастомада дар таҳлили объективӣ, низомӣ ва ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои назариявию амалӣ дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар самти таъмин ва ҳифзи ҳуқуқи инсон асос ёфтааст. Дар раванди таҳқиқот омӯзиши амиқи дастовардҳои назариявии илми ҳуқуқ гузаронида шуд, равишҳои муосири назариявӣ ва таҷрибавӣбаррасӣ карда шуданд, инчунин консепсияҳои илмӣ, ақидаҳо ва хулосаҳои

мутахассисони пешқадам дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ ба инобат гирифта шуд. Таҳлил масъалаҳои назариявӣ ва амалии амалияи ҳуқуқтадбиққунӣ, баҳогузории механизми воқеии фаъолияти мақомоти корҳои дохилиро, тағйирёбии онҳоро дар шароити ислоҳоти низоми ҳуқуқҳифзкунӣ дар бар гирифтаст. Ҳамин тариқ, натиҷаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар рисола овардашуда дорои дараҷаи баланди эътимоднокии илмӣ мебошанд ва метавонанд ҳам дар тақиқоти назариявӣ ва ҳам дар амалияи қонунгузорӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ истифода шаванд.

**Мутобиқати рисола ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзӯъвамуҳтавоитаҳқиқотидиссертатсионӣ ба шиносномаиихтисосиилмии 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллиф дар анҷом додани ин таҳқиқот пурра ба сатҳи навоварии илмии рисола ва нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳое, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, мутобиқ мекунад. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот мустақилона ғояҳои илмиро ташаккул дода, таҳлили ҳамаҷонибаи мавзӯи таҳқиқотро анҷом додааст, равишҳои консептуалӣ оид ба такмили механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро таҳия намуда, роҳҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти корҳои дохилиро дар ин самт пешниҳод намудааст.

Сохтор ва услуби диссертатсия, асосноккунии методологӣ, пай дар паии мантиқӣ ва далелнокии хулосаҳо саҳми муаллифро дар рушди илми ватании ҳуқуқи конститутсионӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ нишон дода, арзиши илмӣ ва муҳимияти таҳқиқоти мазкурро собит менамоянд.

**Тасвиб ва истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи фанҳои давлатӣ- ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шуда, дар ҷаласаи кафедра муҳокима ва барои ҳимоя тавсия дода шудааст. Маводи таҳқиқот дар шакли маърӯзаҳо дар конфронсҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои илмӣ муаррифӣ гардидаанд:

**а) Байналмилалӣ:**

– Конференсияи V-уми байналмилалии илмӣ-назариявӣ, бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон – бо маърӯзаи илмӣ таҳти унвони «Ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун самти асосии фаъолияти милитсия». – Душанбе, соли 2023;

– Форуми байналмилалии ҷавонони донишманд – бо маърӯза дар мавзӯи «Эволютсияи ҳуқуқи инсон тавассути призмаи рушди тамаддунии ҷомеа», Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россия (иштироки онлайн). – Москва, соли 2023;

– Конференсияи VI-уми байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ», бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон – бо маърӯзаи илмӣ дар мавзӯи «Асосҳои конститутсионии амалӣ намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, соли 2023;

– Конференсияи III-уми байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Илм ва амалияи ҳуқуқшиносӣ», бахшида ба Рӯзи илми тоҷик ва эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» – бо маърӯзаи илмӣ таҳти унвони «Ҷанбаҳои назариявии танзими фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон». – Душанбе, соли 2024;

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Эволютсия ва дурнамои рушд», бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» – бо маърӯзаи илмӣ дар мавзӯи «Фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар таъмини ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, соли 2024;

– Конференсияи VII-уми байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ», бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон ва эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» – бо маърӯза таҳти унвони «Зӯроварӣ дар оила: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва дурнамои муқовимат» – Душанбе, соли 2024.

**б) Ҷумҳуриявӣ:**

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: эволютсия ва дурнамо» –

бо маърӯза дар мавзӯи «Фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар таъмини ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, соли 2022;

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Конститутсия ва нақши он дар рушди илм, маориф ва тарбияи сиёсӣ-ҳуқуқӣ» – бо маърӯзаи илмӣ таҳти унвони «Конститутсия – ман баисиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф». – Душанбе, соли 2024.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф 16 мақолаи илмӣ ба нашр расонида шудааст, ки аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда чоп шудаанд, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия тавсия дода шудаанд. 11 мақолаи боқимонда дар маҷаллаҳои гуногуни илмӣ ва тахассусӣ интишор ёфтаанд, ки натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии ба дастомадаи тадқиқотро инъикос менамоянд.

**Сохтор ва ҳаҷми рисола.** Кори диссертатсионӣ дар бар мегирад: рӯйхати ихтисорҳо ва нишонаҳои шартӣ; муқаддима, ки дар он аҳамияти мавзӯъ, ҳадаф, вазифаҳо, объект, предмет, методология ва навоварии илмӣ асоснок гардидаанд, се боб бо шаш зербоб, ки ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ дар онҳо баррасӣ шудаанд, хулоса бо натиҷагирӣ ва тавсияҳо оид ба татбиқи амалии натиҷаҳо, рӯйхати манбаъҳои ҳуқуқӣ ва адабиёти илмӣ ва рӯйхати нашрияҳои илмии довталаби дараҷаи илмӣ. Ҳаҷми умумии диссертатсия 193 саҳифаро ташкил медиҳад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддимаи таҳқиқоти диссертатсионӣ аҳамияти мавзӯи интихобшуда асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқоти илмии он дар илми ҳуқуқи миллӣ ва хориҷӣ мавриди таҳлил қарор мегирад. Ҳамзамон, ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот мушаххас карда шуда, объекти таҳқиқот ва мавзуъи таҳлили илмӣ тавзеҳ дода мешаванд. Ба тавсифи асосҳои методологӣ ва эмпирикии таҳқиқот, ба муайян намудани навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, ба

мавқеъҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшаванда диққати алоҳида дода шудаст.

Боби аввал таҳти унвони «**Мафҳуми механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мавқеъ ва нақши мақомоти корҳои дохилӣ дар сохтори он»** иборат аз се зербанд буда, ба таҳқиқоти ҳамаҷонибаи тавсифи моҳият, ҷузъҳои сохторӣ ва марҳилаҳои ташаккули механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шахсият, бо таваҷҷӯҳ ба муайян намудани мавқеъ ва нақши мақомоти корҳои дохилӣ дар ин механизм ҳам дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар асоси таҷрибаи хориҷӣ бахшида шудааст.

Дар зербоби аввал таҳти унвони **«Ташаккул ва инкишофи механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон»**, раванди ташаккули таърихӣ-ҳуқуқии институти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар ҷумҳурӣ баррасӣ карда мешавад. Қайд карда мешавад, ки механизми таъмини ҳуқуқии ҳуқуқҳои инсон як системаи таҳовуллотшавандаи мураккабу бисёрҷабҳа буда, инкишофи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дигаргунишавии амиқи модели сиёсӣ-ҳуқуқии давлат, тасдиқи асосҳои сохтори конститутсионӣ ва воридшавии тадриҷии стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон ба низоми ҳуқуқии миллӣ сахт алоқаманд мебошад. Ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи давлати ҳуқуқӣ, институти ҳуқуқҳои инсон дар Тоҷикистон дар зери таъсири ҳам таҳаввулоти дохилии ҳокимияти давлатӣ ва ҳам тамоюлҳои умумиҷаҳонӣ дар соҳаи конститутсионализм ва инсондустии ҳуқуқ ташаккул ёфтааст.

Дар асоси таҳлили равишҳои мавҷудаи илмӣ муаллиф зикр мекунад, ки инкишофи институти ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон ду марҳилаи калидиро дар бар мегирад, ки ҳар кадом хусусиятҳои рушди таърихии давлатро инъикос мекунанд. Дар давраи шӯравӣ модели ҳуқуқии позитивӣ-сотсиалистӣ ҳукмрон буд, ки бештар ба таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ равона шуда буд. Ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ, гарчанде дар санадҳои ҳуқуқӣ зикр мешуданд, бештар хусусияти декларативӣ доштанд ва механизми самараноки татбиқ ва ҳифзи онҳо вуҷуд надошт. Меъёрҳо, ки дар

конститутсияҳои иттифоқӣ ва ҷумҳуриявӣ мустаҳкам шуда буданд, бештар ифодаи мафкуравии замонро доштанд ва танҳо ба эълони ҳуқуқҳо, бе ташкили кафолатҳои институтсионалии риояи онҳо, маҳдуд карда мешуданд. Бо вуҷуди ин, маҳз дар ҳамин давра асосҳои низоми ҳуқуқии давлатӣ гузошта шуда, гузариш аз муқаррароти умумӣ ба танзими қисман меъёрии ҳуқуқу озодиҳои шахс сурат гирифт.

Муаллиф қайд мекунад, ки тағйироти ҷиддӣ дар муносибат ба таъмини ҳуқуқҳои инсон пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ба амал омад. Дар шароити ташаккули давлати соҳибистиқлоли тоҷик модели нав – либералӣ-демократӣ коркард карда шуд, ки ба асоси он афзалияти ҳуқуқ ва озодиҳои шахсият, эътирофи хусусияти универсалии он, волоияти қонун ва дастрасии низоми ҳуқуқӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ гузошта шуд.Модели мазкур, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994 мустаҳкам шудааст, асоси ташаккули низоми ҳуқуқҳифзкунии муосир шуд, ки дар доираи он ҳуқуқи инсон нафақат ҳамчун объекти муҳофизати давлатӣ, балки ҳамчун арзиши олитарини ҳуқуқӣ ва сиёсӣ эътироф шудаанд. Конститутсия принсипи амали бевоситаи ҳуқуқ ва озодиҳоро муқаррар намуда, ба онҳо мақоми меъёрҳои амали мустақим дод ва бо ҳамин заминаи устувори меъёриро барои татбиқи амалии онҳо гузошт.

Сипас, дар кор аз ҷониби муаллиф заминаи ташаккули модели миллии институти ҳуқуқи инсонро дар Тоҷикистон таҳқиқ карда мешавад.Қайд карда мешавад, ки модели миллии ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон мумтозии худ фарқ мекунад ва натиҷаи омезиши арзишҳои универсалии ҳуқуқӣ бо хусусиятҳои миллӣ-таърихӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ мебошад. Асоси онро принсипҳои ҷудонопазирӣ ва ҳамбастагии ҳамаи категорияҳои ҳуқуқҳо, инчунин ғояи тавозун байни озодии шахсӣ ва масъулияти ҷамъиятӣ ташкил мекунанд. Дар доираи модели миллӣ ба афзалияти манфиатҳои миллӣ диққати махсус дода мешавад, ки ин зарурати мутобиқсозии стандартҳои байналмилалиро дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон ба муҳити фазои дохилии ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ пешбинӣ мекунад. Ҳамзамон қайд карда мешавад, ин гуна мутобиқсозӣ бо нигоҳ доштани ухдадориҳои калидии

байналмиллалӣ бо дарназардошти принсипи истиқлолияти давлатӣ амалӣ карда мешавад. Ин гуна мутобиқсозӣ ба таъмини устувории танзими ҳуқуқӣ, қонунӣ будани он ва қабули онро аз ҷониби ҷомеа мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, таъмини ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як институти муттасилан инкишофёбандаро ташкил медиҳад, ки дар он равишҳои байналмилалӣ, анъанаҳои миллии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи муосири ҳуқуқӣ омехта шудаанд. Инкишофи он ба ҳамоҳангсозии арзишҳои умумибашарӣ ва миллӣ равона шуда, ба самаранокии механизми ҳифзи ҳуқуқ, устувории тартиботи ҳуқуқӣ ва таҳкими волоияти конститутсионӣ дар кишвар мусоидат менамояд.

Зербоби дуюми боби якуми диссертатсия таҳти унвони «**Мавқеъ ва нақши мақомоти корҳои дохилӣ дар механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ»** ном дорад. Дар он дар асоси таҳлили муқаррароти конститутсионӣ ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллиф асоснок менамояд, ки мақомоти корҳои дохилӣ ҳамчун унсури сохтории ҳокимияти иҷроия нақши калидӣ дар фаъолияти механизми миллӣ оид ба таъмини ҳуқуқи инсон доранд ва онҳо дар ин самт ҳам вазифаҳои муҳофизатиро ва ҳам вазифаҳои таъмингариро дар худ муттаҳид месозанд.

Муаллиф зикр мекунад, ки фаъолияти онҳо тибқи муқаррароти конститутсионӣ, аз ҷумла қисми 3 моддаи 5 ва қисмҳои 2 ва 3 моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешавад, ки ин меъёрҳо ҳуқуқу озодиҳои инсонро ҳамчун арзиши олӣ эътироф намуда, ба мақомоти давлатӣ ӯҳдадорӣ медиҳанд, ки онҳоро эътироф, риоя ва ҳимоя намоянд.

Махсусан қайд карда мешавад, ки мақомоти корҳои дохилӣ дар ин раванд ҳамчун василаи калидии татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳуқуқи инсон баромад мекунанд. Маҳз онҳо ҳамкории оперативӣ ва мустақими давлатро бо шаҳрванд, ки бо таҳдид ба вайроншавии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсият алоқаманд мебошад, таъмин менамоянд.

Дар доираи зербоби мазкур аз ҷониби муаллиф таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории як қатор давлатҳои пасошуравӣ ва хориҷӣ гузаронида шудаст, ки дар натиҷаи он равишҳои умумӣ ба расмиятдарории инстутсионалии фаъолияти политсия (милитсия) ҳамчун ҷузъи ҳокимияти иҷроия муайян карда шуд. Дар натиҷаи таҳлил муайян гардидааст, ки дар низоми ҳуқуқии аксари кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) принсипҳои умумии танзими ҳуқуқии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ мушоҳида мешаванд. Ба чунин принсипҳои умумӣ, пеш аз ҳама, тафриқаи амиқи вазифаҳо ва ваколатҳои мақомотҳои муайян, таҳкими қонунгузории вазифаҳо онҳо оид ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон, инчунин танзими меъёрии тартиби истифодаи чораҳои маҷбуркунии давлатӣ. Чунин башаклдарории меъёрӣ кушишро ба ташкили фазои ҳуқуқӣ инъикос мекунад, ки он пешгӯӣ, шаффофият и аниқии меъёриро дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар доираи вазифаи ҳуқуқҳифзкунии давлат таъмин мекунад. Ҳамзамон, хусусиятҳои моделҳои миллӣқайд карда мешаванд (масалан, систематизатсияи вазифаҳои хизматӣ бо самтҳо дар Ҷумҳурии Арманистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон, институти тобеияти дугона дар Қазоқистон ва Олмон, инчунин механизмҳои пурзури муассири назорати ҷамъиятӣ дар Фаронса ва Ҷумҳурии Федеративии Олмон).

Аз ҷониби муаллиф ду самти як дигарро пуркунандаи фаъолияти ҳуқуқҳифзкунии мақомоти корҳои дохилӣ муайян карда шудаст: самти муҳофизатӣ (вокуниши оперативӣ, пешгирӣ ва тафтиши ҳуқуқвайронкуниҳо) ва самти таъминкунанда (огоҳонии ҷиноятҳо, маърифати ҳуқуқӣ, ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ). Зарурати омезиши мутавозини онҳо ҳамчун шарти ташаккули низоми устувори ҳуқуқӣ асоснок карда шудаст. Ба сифати самти афзалиятнок ҷорӣ намудани модели “политсия - шарики ҷомеа” пешниҳод карда мешавад, ки он пурзур шудани функсияҳои профилактикӣ ва маърифатпарвариро пешбинӣ менамояд. Бо дарназардошти таҷрибаи муосир ва талаботи иҷтимоӣ, ҷорӣ намудани модели “пулис шарики ҷомеа” ҳамчун самти афзалиятнок ва дурнамодор пешниҳод гардидааст. Ин

модел ба тақвияти нақши пешгирикунанда ва маърифатии мақомоти корҳои дохилӣ мусоидат намуда, робитаи онҳоро бо ҷомеа мустаҳкам менамояд.

Дар доираи татбиқи Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021–2025, як қатор пешниҳодҳо доир ба такмили қонунгузории ватанӣ ироа гардидаанд, аз ҷумла, тафриқаи меъёрии мавҳумҳои “уҳдадорӣ”, “салоҳият” ва “ваколат”; таснифи функсияҳои милитсия бо самтҳои фаъолият; таҳкими қонунгузории принсипи таносуби истифодаи қувва; институтиякунонии механизми назорати беруна, аз ҷумла иштироки институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ.

Аз ҷониби диссертант хулоса дар бораи он асоснок карда шудаст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон бо дараҷаи танзими дақиқи меъёрии ваколатҳои онҳо, сатҳи шаффофияти институтсионалӣ, омодагии касбии ҳайати кадрӣ ва дараҷаи воридшавии стандартҳои байналмилалӣ ба соҳаи ҳуқуқи миллӣ муайян карда мешавад. Мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳамчун як институти иҷтимоӣ, ҳисоботдиҳанда ва ҳуқуқҳифзкунанда фаъолият намуда, бояд қобилияти вокуниши оперативиро ба таҳдидҳои муосир дошта бошад ва татбиқи устувори ҳуқуқҳои конститутсионии шахсиятро таъмин намояд.

Боби дуюми диссертатсия, ки таҳти унвони «**Танзими ҳуқуқӣ ва принсипҳои фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** номгузорӣ шудааст, аз ду зербоб иборат буда, масъалаҳои танзими конститутсионии таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби мақомоти корҳои дохилиро, инчунин принсипҳои фаъолияти ин мақомоти давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро дар бар мегирад.

Зербоби якуми боби дуюм, ки **«Асосҳои конститутсионии таъмини меъёрии ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ»** ном дорад. Дар зербоби мазкур, ба таҳлили ҳамаҷонибаи асосҳои назариявию ҳуқуқӣ, меъёрӣ ва институтсионалии фаъолияти мақомоти корҳои

дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар заминаи танзими конститутсионӣ бахшида шудааст. Муаллиф зикр мекунад, ки муқаррароти конститутсионӣ, пеш аз ҳама меъёрҳои моддаҳои 5 ва 14-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, афзалияти ҳуқуқу озодиҳои шахсиятро дар низоми ҳокимияти давлатӣ мустаҳкам намуда, самти асосии сиёсати давлатро, аз ҷумла фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро муайян месозанд. Ин меъёрҳо ҳамчун нуқтаи ибтидоии танзими ҳуқуқӣ барои ташаккули функсияи ҳуқуқҳифзкунии давлат баромад карда, самти сиёсати давлатиро муайян мекунад, асос барои коркарди механизмҳои самараноки татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахсият дар амалия хизмат мекунанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ мавқеъ асоснок карда шудаст, ки дар асоси он механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқи инсон як низоми мураккаб ва бисёрзинавиро ташкил медиҳад, ки дорои унсурҳои танзимии умумӣ, моддӣ-меъёрӣ ва расмӣ-мурофиавӣ мебошад, инчунин маҷмӯи санадҳои меъёрии дорои қувваи гуногуни ҳуқуқиро дар бар мегирад - аз санадҳои конститутсионӣ ва қонунгузорӣ оғоз карда то санадҳои зерқонунӣ ва байналмилалӣ-ҳуқуқӣ. Қайд карда мешавад, ки маҳз чунин ташкили меъёрӣ-ҳуқуқӣ имконият медиҳад, ки мувофиқати дохилӣ, устуворӣ ва низоммандӣ дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ оид ба таъмин ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон таъмин карда шавад.

Бо такя ба таҳлили қонунгузории амалкунанда ва таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ, муаллиф унсурҳои сохтории танзими ҳуқуқии фаъолияти мақомоти корҳои дохилиро муайян намудааст. Ба ин унсурҳо, аз ҷумла таҳкими меъёрии ваколатҳо, шаклҳои ҳуқуқии амалисозии вазифаҳо, механизмҳои таъмини қонуният, инчунин кафолатҳои тартибӣ ва мурофиавии риояи ҳуқуқҳои шахс шомил мебошанд. Диққати махсус ба таносуби меъёрҳои Конститутсия ва қонунгузорӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ, инчунин ба масъалаи иерархия ва мувофиқати ҳуқуқии онҳо дода шудаст.

Муаллиф дар кори илмӣ нақши муҳими санадҳои ҳуқуқи байналмилалиро, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвиб

шудаанд, дар ташаккули стандартҳои миллӣ дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ қайд мекунад. Зарурати татбиқи амалии муқарраротн онҳо ба амалияи меъёрӣ ва ҳуқуқтатбиққунандаи МКД ҳамчун шарти зарурии мувофиқати фаъолияти мақомоти мазкур ба стандартҳои байналмиллалии ҳуқуқҳифзкунӣ асоснок карда шудаст. Дар диссертатсияи қайд карда мешавад, ки татбиқи ин барномаҳо ба рушди институтсионалии Вазорати корҳои дохилӣ нақши муҳимро ишѓол карда, ба як механизми амалӣ дар мустаҳкам намудани асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти он табдил ёфтаст. Ин ташаббусҳо ба навсозии низоми идоракунӣ, такмили сиёсати кадрӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, инчунин баланд бардоштани шаффофият ва самаранокии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, махсусан дар самти таъмин ва ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон равона карда шуданд.

Дар натиҷаи таҳқиқ хулоса карда мешавад, ки такмили пайгиронаи заминаи меъёрии ҳуқуқии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ бо дарназардошти уҳдадориҳои байналмилалӣ, даъватҳои замон ва ниёзҳои амалии ҳуқуқҳифзкунӣ амри зарурӣ мебошад. Асоснок карда мешавад, ки татбиқи самараноки меъёрҳои конститутсионӣ бе рушди низоми танзими ҳуқуқии дақиқ, дохилан ҳамоҳангшуда ва ба ҳуқуқи инсон нигаронидашудаи низоми танзими ҳуқуқӣ, ки ҳам механизмҳои миллӣ ва ҳам байналмилалиро дар бар гирад, ғайриимкон аст.

Зербоби дуюми боби дуюм бо унвони **«Принсипҳои фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд»** ба таҳлили ҳамаҷонибаи принсипҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар заминаи иҷрои уҳдадориҳои онҳо оид ба таъмин ва ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Дар асоси таҳлили муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия», инчунин санадҳои байналмилалии дар соҳаи ҳуқуқи инсон аз ҷониби муаллиф муҳтавои принсипҳои асосӣ, табиат ва гурӯҳбандии онҳо баррасӣ карда мешавад. Диққати махсус ба аҳамияти амалии принсипҳои зерин дар амалияи ҳаррузаи

фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дода шудаст, ки ин барои баррасӣ намудани онҳоро нафақат ҳамчун нишонаҳои меъёрӣ, балки ҳамчун воситаи воқеӣ имконият медиҳад, ки онҳо ба баланд бардоштани самаранокӣ ва асоснокии ҳуқуқии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон равона шуданд.

Аз ҷониби диссертант асоснок карда шудаст, ки принсипҳо фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дорои категорияи низомнок буда, асосҳои меъёрӣ, ташкилӣ ва арзишии фаъолияти хизматии милитсияро муайян мекунад. Ҳамаи ин принсипҳо шартан ба ташкилӣ (қонуният, яккасардорӣ, муттамарказӣ, омезиши усулҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, бехизбият) ва функсионалӣ (эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, баробарии ҳама дар назди қонун, инсондӯстӣ ва адолати иҷтимоӣ, робитаи доимӣ бо ҷомеа ва ба инобат гирифтани афкори ҷомеа) ҷудо карда мешаванд. Чунин гуруҳбандӣ имконият дод, ки таҳлили тафриқавии нақши онҳо дар таъмини қонуният, бехатарии ҷамъиятӣ ва боварӣ ба мақомоти корҳои дохилӣ гузаронида шавад.

Муаллиф қайд мекунад, ки принсипи қонуният унсури асосии тамоми низоми фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ буда, доираи дахолати давлатро ба ҳаёти хусусии шахс муайян ва пешгӯии ҳуқуқиро таъмин мекунад. Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқии татбиқи принсипи қонуният, аз ҷумла зарурати таносуб, норавоии худсарӣ ва риояи кафолатҳои мурофиавӣҷудо карда шуданд.

Ба принсипи ҳамкорӣ бо аҳолӣ ҳамчун самти стратегии демократикунонии фаъолияти милитсия диққати махсус дода шудааст. Муқаррар карда шудаст, ки институтсиякунонии механизмҳои фаъолияти ҷамъиятӣ ва васеъ кардани воситаҳои робитаи бозгашт бо шаҳрвандон барои ташаккули модели қонунӣ, шаффофӣ ва ба ҳуқуқҳои инсон нигаронидашудаи модели фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат мекунад.

Дар асоси таҳлили маҷмуӣ бо таври қонунӣ ворид намудани принсипи нав – ҳатмӣ будани истифодаи дастовардҳои илм, техника ва технологияҳои рақамии муосирро дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ пешниҳод карда мешавад. Пешниҳоди мазкур бо зарурати навкунонии функсияҳои ҳифзи ҳуқуқ, баланд

бардоштани самаранокии вокуниш ба таҳдидҳои нав (аз ҷумла киберҷиноятҳо, ҷиноятҳои фаромарзӣ) ва таҳкими иқтидори зеҳнии милитсия асоснок карда шудаст.

Дар ҷамъбасти зербоб муаллиф ба хулоса омадааст, ки принсипҳои фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ на танҳо ба сифати меъёри ҳуқуқӣ, балки ҳамчун воситаи таъсирбахши табдилдиҳии низоми ҳифзи ҳуқуқ баромад мекунад. Татбиқи амалии онҳо шарти асосии ташаккули давлати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар он ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шахсият мавқеи марказиро дар низоми идоракунии давлатӣ ишғол мекунад.

Боби сеюми таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки таҳти унвони **«Шакл ва усулҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** номгузорӣ шудааст, аз ду зербоб иборат буда, масъалаҳои шакл ва усулҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилиро оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар бар мегирад.

Зербоби якуми боби сеюм диссертатсия таҳти унвони **«Шакл ва усулҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд»** ба таҳлили низомманди шаклҳо ва усулҳои фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ бахшида шудааст, ки дар заминаи иҷрои яке аз вазифаҳои муҳими онҳо – таъмин ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад. Муқаррар карда шудаст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар соҳаи ҳуқуқҳифзкунӣ на танҳо аз дақиқии меъёрии салоҳиятҳои онҳо, балки аз интихоби шакл ва усулҳои дуруст, ки дар раванди фаъолияти амалӣ истифода мешаванд, вобаста мебошад.

Муайян карда шудаст, ки шаклҳои фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ҳамчун сохтори ҳуқуқӣ ва ташкилӣ баромад мекунад, ки тавассути онҳо татбиқи функсияҳои ба онҳо вогузоркардашуда амалӣ карда мешавад. Дар асоси таҳлили доктриналӣ ва меъёрӣ таснифи шаклҳои фаъолияти зерин

пешниҳод карда шудаст: ҳуқуқтатбиққунӣ (истифодаи инфиродии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва татбиқи чораҳои маҷбуркунии давлатӣ); ташкилӣ (таъмини маъмурӣ-идоракунии фаъолияти сохторҳои ВКД); пешгирикунанда-тарбиявӣ (пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, ташаккули маданияти ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқӣ); муҳофизатӣ-ҳуқуқҳифзкунӣ (таъмини бехатарии ҷамъиятӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои шахс аз таҷовузҳои ғайриқонунӣ). Ҳар яке аз ин шаклҳо барои ноилшавӣ ба вазифаҳои мушаххас дар доираи механизми ягонаи ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ ва татбиқи кафолатҳои конститутсионӣ мусоидат мекунанд.

Таҳлили равишҳои ҳуқуқӣ имконият дод, ки шаклҳо бо меъёри муҳиммияти ҳуқуқӣ ба ҳуқуқӣ ва ѓайриҳуқуқӣ, инчунин аз рӯи дараҷаи батанзимдарорӣ  ба шаклҳои мурофиавӣ ва ғайримурофиавӣ тафриқа карда шаванд. Аз ҷониби муаллиф қайд карда мешавад, ки чунин сохторкунӣ барои ташкили модели институтсионалии устувори фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ мусоидат мекунад, ки он ба принсипҳои қонуният, муайянкунии ҳуқуқӣ, мутобиқшавӣ ба таҳдидҳои муосир, аз ҷумла ба рақамикунӣ ва ҷинояткории фаромиллӣ  мувофикат мекунад.

Диққати махсус ба усулҳои фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ба монанди  маҷмӯи услубҳо, роҳҳо ва воситаҳо дода мешавад, ки онҳо ба ноил шудан ба натиҷаҳои ҳуқуқӣ равона шудаанд. Дар таҳқиқот тақсимоти усулҳо ба умумӣ (эътиқод ва маҷбуркунӣ) ва махсус (оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, профилактикӣ, тафтишотӣ, назоратӣ ва ѓайра) асоснок карда шудаст. Инчунин, таснифоти муаллифӣ оид ба усулҳои ҳифзкунанда-пешгирикунанда (то содир шудани ҳуқуқвайронкунӣ бо мақсади профилактика ва ташаккули рафтори ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад) ва усулҳои муҳофизатӣ-барқароркунанда (баъди вайрон намудани ҳуқуқ истифода мешавад ва ба барқарор намудани тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳимояи манфиатҳои шаҳрвандон равона карда шудаст) пешниҳод карда мешавад. Нақши махсуси усулҳо дар татбиқи таркиби шаклҳои фаъолият, инчунин  дар таъмини мувозинат байни функсияҳои муҳофизаткунанда ва ҷазодиҳандаи давлат  қайд карда мешавад.

Дар натиҷаи таҳқиқот муайян карда шудаст, ки шакл ва усулҳои фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳамбастагии диалектикӣ қарор дошта, на танҳо иҷрои муқаррароти қонунгузориро, балки устувории низоми ҳуқуқҳифзкуниро дар маҷмӯъ таъмин мекунад. Самти мақсадноки онҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон барои мустаҳкам намудани эътимоди ҷомеаро ба институтҳои давлатӣ мусоидат менамояд. Таснифоти илмӣ ва меъёрии шакл ва усулҳои зикршуда дар диссертатсия ҳамчун шарти зарурии рушди институтсионалии мақомоти корҳои дохилӣ, баланд бардоштани фаъолияти онҳо ва ташаккули асосҳои устувори давлати ҳуқуқӣ баррасӣ карда мешавад.

Дар асоси таҳлил пешниҳод карда мешавад, ки танзими ҳуқуқии шакл ва усулҳои фаъолият дар лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи политсия” бо дарназардошти стандартҳои байналмиллалии муосир, афзалиятҳои миллии сиёсати ҳуқуқӣ, инчунин таҳдидҳо, ки бо барақамгузорӣ, киберҷинояткорӣ ва зарурати пурзур намудани самти ҳуқуқҳифзкунии корҳои дохилӣ вобаста мебошанд, такмил дода шавад.

Зербоби дуюми боби сеюм «**Шаклҳои ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд»** ба дарки назариявӣ-ҳуқуқӣ ва таҳлили системавии шаклҳои ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар заминаи татбиқи функсияи конститутсионӣ-ҳуқуқӣ оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст. Муқаррар карда шудаст, ки шаклҳои ташкилӣ ба сифати асоси институтсионалии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ баромад карда, нақши калидиро дар ташаккули механизми устувори сиёсати ҳуқуқҳифзкунии давлат ишғол мекунанд.

Илман асоснок карда мешавад, ки шаклҳои ташкилии фаъолият маҷмӯи унсурҳои сохторӣ, функсионалӣ ва захиравиро дар бар мегиранд, ки тавассути онҳо ҳамоҳангсозии дохилӣ, мувофиқати амалҳо ва натиҷанокии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ таъмин карда мешавад. Дар доираи таҳқиқот се ҷанбаи ба ҳам алоқаманди фаъолияти ташкилӣҷудо карда шудааст: сохторӣ, ки тақсимоти оқилонаи салоҳиятҳо ва иерархияи (мартаботи)

амудии идоракуниро таъмин мекунад; функсионалӣ-мурофиавӣ, ки механизмҳои банақшагирӣ, қабули қарор ва амалигардонии ваколатҳоро дар соҳаи тартиботи ҳуқуқӣ инъикос мекунад; моддӣ-техникӣ, ки асосҳои инфрасохторӣ, кадрӣ ва технологии татбиқи самараноки вазифаҳои хизматиро дар бар мегирад.

Зикр карда мешавад, ки шаклҳои ташкилӣ доираи васеи самтҳои фаъолияти МКД-ро - аз расмиёти маъмурӣ-ҳуқуқӣ то фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, муҳоҷиратӣ, литсензиявӣ ва профилактикӣ - дар бар мегиранд. Зарурати танзими ҳуқуқии онҳо, мувофиқат ба принсипҳои қонуният, таносуб, роҳ надодан ба суистеъмоли ваколатҳо ва риояи ҳуқуқҳои инсон ҳангоми татбиқи амалҳои ташкилӣ-ҳокимиятӣ қайд карда мешавад.

Дар асоси таҳлили манбаъҳои амалия ва илмӣ самтҳои калидӣҷудо карда шуданд, ки дар доираи онҳо шаклҳои ташкилӣ амалӣ карда мешаванд: таъмини бехатарии ҷамъиятӣ, пешгӯии таҳдидҳо, огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, ташкили ҳамкорӣ бо аҳолӣ ва бо дигар сохторҳои давлатӣ. Муқаррар карда шудаст, ки самаранокии самтҳои мазкур бо сатҳи ҳамоҳангсозии идоракунӣ, дараҷаи рақамикунонии равандҳои дохилӣ, сифати таъмини таҳлилӣ ва дастрасии механизмҳои робитаи баръакс бо ҷомеа муайян карда мешавад.

Хулоса, дар бораи зарурати навсозии мақсадноки шаклҳои ташкилӣ дар шароити таҳвили рақамӣ ва пурзур шудани таҳдидҳои трансмиллӣ бароварда шудаст. Ба сифати самтҳои афзалиятнок пешниҳод карда мешавад: таҳкими институтсионалии воҳидҳои ҳамоҳангсозӣ ва таҳлилӣ; ворид намудани технологияҳои муосири идоракунӣ ва иттилоотӣ; рушди сиёсати кадрӣ, ки ба принсипҳои касбият, фарҳанги ҳуқуқӣ ва тобеият асос ёфтааст, инчунин густариши шаклҳои ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва сохторҳои ҳуқуқҳифзкунӣ.

Ҳамин тариқ, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ шаклҳои ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи механизми ҳуқуқҳифзкунии давлат баррасӣ карда мешавад. Фаъолияти самараноки онҳо ҳамчун кафолати муҳими таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон, таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ ва қонунӣ будани

институтҳои ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунанд.

## ХУЛОСА

Дар хулосаи таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии илмӣ-назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод шудаанд, ки дар асоси таҳлили мақоми конститутсионӣ-ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд ва фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шахсият таҳия шудаанд:

1. Асоснок карда шудаст, ки таъмини ҳуқуқии ҳуқуқҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як институти мураккабу таърихан ташаккулёфта мебошад, ки дар рушди он унсурҳои фаҳмиши универсалии ҳуқуқ ва айнияти миллӣ-фарҳангӣ пайваст мебошанд [5-М]. Таҳаввулоти модели ватанӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон аз гузариши равиши сотсиалистии мафкуравӣ ба принсипҳои либералӣ-демократӣ шаҳодат медиҳад, ки онҳо ба афзалияти инсон, волоияти ҳуқуқ ва эътирофи стандартҳои байналмилалӣ асоснок шудаанд [5-М].

2. Хусусиятҳои модели миллӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон муайян карда шудаанд, ки он дар омезиши равишҳои универсалии ҳуқуқҳифзкунӣ ва арзишҳои анъанавии тоҷик асоснок карда шудаст. Инчунин, зарурати такмили мунтазами низоми ҳуқуқӣ бо дарназардошти таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ, пешрафти илмӣ-техникӣ ва тағйирёбии интизориҳои ҷамъиятӣқайд карда мешавад [5-М]. Ҳамзамон, фаъолияти самараноки низоми ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳо бе ҳамоҳангии дохилии заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки фаъолияти мақомоти корҳои дохилиро ба танзим медарорад, ғайриимкон мебошад [12-М].

3. Таҳлил нишон дод, ки қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам меъёрҳои моддӣ ва ҳам меъёрҳои мурофиавӣ-кафолатиро дар бар мегирад, аммо ниёз ба систематизатсия, бартарафсозии такроршавиҳо ва холигиҳои ҳуқуқӣ дорад. Дар ин замина, зарурати қабули Қонуни нав «Дар бораи политсия» ҳамчун пайванди калидии навсозии танзими

ҳуқуқии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ таъкид мегардад [13-М].

4. Муҳиммияти санадҳои меъёрии зерқонунӣ ва идоравии нишон дода шудааст, ки онҳо муқаррароти қонунҳоро муфассал тафсил намуда, мутобиқати ҳуқуқтатбиқкуниро дар заминаи кор бо гурӯҳҳои осебпазири шаҳрвандон таъмин мекунанд. Бо вуҷуди ин, зарурати мутобиқати аниқи онҳо ба муқаррароти конститутсионӣ ва стандартҳои байналмилалии ҳуқуқҳифзкунӣқайд карда мешавад [13-М].

5. Ба Барномаҳои ислоҳоти милитсия барои солҳои 2014–2020 ва 2021–2025 таваҷҷуҳи махсус дода шудааст, ки онҳо самти модернизатсияи институтсионалӣ, рақамигардонии равандҳои идоракунӣ ва баланд бардоштани шаффофиятро дар фаъолияти Вазорати корҳои дохилӣ муайян намуданд [13-М]. Дар шароити таҳдидҳои муосир таҳкими минбаъдаи асосҳои ҳуқуқӣ, таҳким бахшидани механизмҳои ҷавобгарӣ ва рушди низоми ҳисоботдиҳӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

6. Қайд карда мешавад, ки самаранокии фаъолияти ҳуқуқҳифзкунии мақомоти корҳои дохилӣ на танҳо аз ҳаҷми салоҳиятҳои ба онҳо додашуда, балки аз дақиқии танзими онҳо, пешбинишавии институтсионалӣ ва мавҷудияти механизмҳои назоратӣ вобастагӣ дорад. Модели танзимии дуқабата, ки принсипҳои умумиро бо хусусиятҳои миллӣ муттаҳид менамояд, ба сифати шакли оптималӣ шинохта шудааст [10-М].

7. Таҳлили гузаронида таҳвили нақши мақомоти корҳои дохилиро ба самти васеъшавии функсияҳои таъминкунанда ва пешгирикунанда тасдиқ кард. Дар ин раванд маърифати ҳуқуқӣ, кор бо аҳолӣ, иштирок дар дар ташаббусҳои иҷтимоӣ, инчунин рушди механизмҳои назорати беруна, аз ҷумла назорати парлумонӣ ва ҷамъиятӣ, аҳамияти махсусро пайдо мекунанд [9-М].

8. Далел оварда шудааст, ки принсипҳои ташкиливу функсионалии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар таъмини тавозуни байни ҳокимияти давлатӣ ва ҳуқуқи шахс нақши низомнок мебозанд. Амалӣ намудани онҳо танзими дақиқи меъёрӣ

ва мутобиқсозӣ бо стандартҳои байналмилалиро талаб мекунад [1-М, 3-М].

9. Шаклҳо ва усулҳои фаъолияти ВКД ҳамчун унсурҳои ҳамдигарро пуркунанда ва пайвастшудаи механизми муҳофизотии давлат муаррифӣ шудаанд. Шаклҳо чаҳорчӯбаи берунии фаъолиятро муайян менамоянд, усулҳо муҳтавои амал ва технологияи расидан ба натиҷаҳоро дар бар мегиранд [8-М]. Таснифоти дақиқи онҳо имконият медиҳад, ки самаранокии ҳуқуқтатбиқкунӣ баланд бурда шавад, ҳамоҳангии амал таъмин гардад ва модели сохтории ҳифзи ҳуқуқи инсон ташаккул ёбад [4-М].

10. Таваҷҷуҳи махсус ба кори пешгирикунанда-тарбиявӣ ва ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ – ҳам миёни кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва ҳам дар ҷомеа – дода шудааст. Зарурати таълими касбӣ, риояи стандартҳои ахлоқӣ ва баргузории чорабиниҳои маърифатӣ ҳамчун унсурҳои таркибии низоми устувори ҳуқуқӣ таъкид мешавад [4-М].

11. Нақши марказии мақомоти корҳои дохилӣ дар низоми ҳокимияти давлатӣ қайд карда мешавад. Фаъолияти онҳо соҳаҳои маъмурӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва ҷиноятӣ-мурофиавиро дар бар мегирад ва сатҳи баланди муайянсозии меъёрӣ, устувории институтсионалӣ ва тайёрии касбии кормандонро талаб мекунад [7-М].

12. Шаклҳои ташкилӣ ҳамчун механизми амалии татбиқи ҳуқуқи шаҳрвандон ба амният ва ҳифзи ҳуқуқӣ муаррифӣ шудаанд. Дар ин замина, риояи принсипҳои қонуният, мутаносибият, шаффофият ва назорати институтсионалӣ, аз ҷумла назорати парлумонӣ ва ҷамъиятӣ, барои таъмини эътимоди ҷомеа ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муҳим шуморида мешавад [7-М].

Ҳамин тариқ, хулоса ва тавсияҳои илмӣ, ки дар диссертатсия пешниҳод карда шуданд, зарурати рушди асосҳои меъёрӣ, институтсионалӣ ва методии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо таваҷҷуҳ ба стандартҳои байналмилалӣ, талаботи давлати ҳуқуқбунёд ва интизориҳои ҷомеа таъкид менамояд.

## ПЕШНИҲОДҲО ОИД БА ТАТБИҚИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Рушди муосири қонунгузории конститутсионӣ на танҳо ба эълони ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, балки ба таҳкими механизмҳои воқеии амалӣ ва ҳимояи ҳуқуқии онҳо равона гардидааст. Дар ин замина, кафолатҳои мурофиавӣ аҳамияти хос пайдо мекунанд, ки зери онҳо маҷмӯи меъёрҳо фаҳмида мешаванд, ки ба ҳар як шахс на танҳо ҳуқуқҳои эътирофшуда, балки имкони амалӣ ва ҳимояи самарабахши онҳоро дар доираи тартиботи ҳуқуқии муқарраргардида фароҳам месозанд. Ин гуна кафолатҳо ҳамчун ҷузъи муҳимтарини механизми ҳуқуқӣ баромад мекунанд, ки онҳо ба таъмини валоияти қонун ва ҳифзи шаъну шарафи инсон равона шуданд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор муқарраротро дар бар мегирад, ки принсипи амали бевоситаи ҳуқуқ ва озодиҳоро (қисми 2 моддаи 14) инъикос мекунад, инчунин ҳуқуқ ба ҳимояи судиро (қисми 1 моддаи 19) муқаррар менамояд. Бо вуҷуди ин, дар матни Конститутсия муқаррароти дақиқи ҳуқуқ ба ҷуброни зарари расонидашуда бар асари поймолсозии ҳуқуқҳо, инчунин ҳуқуқ ба воситаи самарабахши ҳуқуқӣ мавҷуд нест, ки ин боиси номуайянии ҳуқуқӣ гардида, механизми кафолатҳои институтионии ҳуқуқи инсонро заиф мегардонад. Бо дарназардошти он ки моддаи 5 Конститутсия ухдадории давлатро дар самти эътироф, риоя ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо муқаррар мекунад, дар марҳилаи муосир ворид намудани муқаррароти нав ба Конститутсия, ки ба тавсеа ва мушаххасгардонии кафолатҳои мурофиавӣ равона шудаанд, муҳим ва мантиқист.

Таҳкими ин кафолатҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки сатҳи амаликунии ҳуқуқҳои конститутсионӣ ба таври назаррас боло равад ва онҳо аз изҳороти умумӣ ба воситаҳои пурқуввати ҳуқуқӣ, ки дар амалияи ҳаррӯзаи ҳуқуқтатбиққунӣ истифода мешаванд, табдил ёбанд. Ин амал ҳамзамон боиси мутобиқгардонии қонунгузории миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон мегардад [5-М].

2. Бо дарназардошти таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории давлатҳои пасошӯравӣ, як қатор самтҳоро оид ба такмили қонунгузории миллӣ дар доираи Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021–2025 мухтасар муайян кардан мақсаднок мебошад, ки онҳо ба баланд бардоштани дараҷаи муайянсозии ҳуқуқӣ, якпорчагии институтсионалӣ ва мутобиқгардонӣ бо стандартҳои байналмилалӣ равона шудаанд.

Якум, марҳилаи муҳим ин ворид намудани таснифи муфассали ҳуқуқу уҳдадориҳои кормандони милитсия вобаста ба самти фаъолияти хизматии онҳо мебошад. Қонунгузории як қатор кишварҳои пасошӯравӣ намунаи муносибати низомиро нишон медиҳад, ки тибқи он ҳар як самти фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ (политсия) (оперативию хизматӣ, профилактикӣ, маъмурӣ ё мурофиавии ҷиноятӣ)  бо муқаррароти дақиқи уҳдадориҳо ва ҳуқуқи кормандон таъмин карда мешавад. Ин сохтор ба таъмини муайянсозии ҳуқуқӣ мусоидат намуда, имкони тафсири худсаронаи меъёрҳоро маҳдуд месозад ва дақиқиятро дар татбиқи ваколатҳо фароҳам меорад. Қабули чунин равиш дар қонунгузорӣ дар бораи милитсия имконият медиҳад, ки фаъолияти хизматӣ ба як шакл даровaрда шавад ва номуайянии ҳуқуқӣ аз байн равад [12-М].

Дуюм, тафриқаи меъёрии чунин мафҳумҳо ба монанди "уҳдадорӣ", "ваколат" ва "салоҳият" мақсаднок мебошад. Ин мафҳумҳо аксар вақт дар қонунгузорӣ бо маъноҳои омехта ё ҳаммаъно истифода мешаванд, ки ба ҳуқуқтатбиқкунӣ халал мерасонанд. Дар низоми ҳуқуқии баъзе давлатҳои пасошӯравӣ фарқияти амиқ миёни вазифаҳои милитсия (политсия) ҳамчун мақомот ва салоҳиятҳои кормандон ҳамчун намояндаи ҳокимияти давлатӣ вуҷуд дорад. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи политсия» ворид намудани таърифҳои ҳуқуқии ин мафҳумҳо ва ҷудокунии мазмуну доираи татбиқи онҳо ба такмили сохтори меъёрӣ мусоидат карда, сатҳи баланди техникаи ҳуқуқиро таъмин менамояд.

Ба сифати самти сеюм зарурати мустаҳкам намудани принсипи таносуб ҳангоми истифодаи чораҳои маҷбуркунии давлатӣ баромад мекунад. Дар қонунгузории аксари кишварҳои

пасошӯравӣ муқаррарот оид ба риояи принсипҳои қонуният, зарурат ва таносуб ҳангоми истифодаи қувваи ҷисмонӣ, воситаҳои махсус ва силоҳ мустаҳкам карда шуданд. Муқаррароти меъёрии мазкур дар Қонуни оянда «Дар бораи политсия» мувозинатро байни эҳтиёҷоти ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва зарурияти эҳтироми ҳуқуқи инсон таъмин намуда, сӯиистифодаи ваколатҳо ва истифодаи барзиёди қувваро аз байн мебарад.

Унсури чорум, ки диққатҷалбкунанда мебошад, ин татбиқи институти назорати ҷамъиятӣ аз болои фаъолияти милитсия мебошад. Масъалаи мазкур дар Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021–2025 махсус таъкид карда шудааст. Дар ин самт алакай як қатор чораҳо андешида шудаанд, аз ҷумла таъсиси Шӯрои ҷамъиятӣ дар назди ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. Инчунин, ба андешаи мо, дар қонунгузорӣ бояд масъалаҳои мониторинги риояи қонуният дар фаъолияти милитсия (полиция)-ро муфассалтар ба танзим дароварда шаванд. Татбиқи чунин механизм дар низоми мақомоти корҳои дохилӣ барои афзоиши шаффофият мусоидат мекунад, боварии аҳолиро мустаҳкам мекунад ва кафолатҳои иловагиро аз амалҳои худсаронаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба миён меорад.

3. Дар шароити табдилдиҳии рақамӣ мумбрамияти махсусро принсипҳо пайдо мекунанд, ки ба рушди инноватсионии низоми ҳифзи ҳуқуқ равона шудаанд. Вобаста ин, ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи политсия», ки қабули он дар доираи Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021–2025 пешбинӣ шудааст, ворид намудани муқаррароти алоҳида асоснок мебошад, ки он принсипи татбиқи ҳатмии дастовардҳои илм, техника ва технологияҳои муосири иттилоотӣ-коммуникатсиониро дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ мустаҳкам мекунад. Ин равиш имконият медиҳад, ки на фақат самаранокии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ баланд бардошта шавад, балки мутобиқати он ба таҳдидҳои муосир, аз ҷумла муқовимат ба киберҷинояткорӣ, барҳам додани таҳдидҳои фаромарзӣ ва рушди шаклҳои рақамии тартиботи ҳуқуқӣ таъмин карда шавад [1-М].

# ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

## I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

**[1-М].** Солехзода, Ф.Ф., Диноршоев А.М. Принципы организации и деятельности органов милиции по защите прав и свобод человека в Республике Таджикистан [Текст] /А.М. Диноршоев, Ф.Ф.Солехзода // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – Душанбе, 2022. – №4. – С. 18-21; ISSN 2412-141X.

**[2-М].** Солехзода, Ф.Ф., Диноршоев А.М. К вопросу о природе прав человека с точки зрения типов правопонимания [Текст] / А.М. Диноршоев, Ф.Ф.Солехзода // Академический юридический журнал. – Иркутск, 2023. – Т. 24. – №4. – С. 471-479; ISSN 1819-0928.

**[3-М].** Солехзода, Ф.Ф. Принцип законности как системообразующий принцип в деятельности органов внутренних дел [Текст] / Ф.Ф.Солехзода // Труды Академии МВД Республики Таджикистан – Душанбе, 2023. – №1 (57). – С. 220-225; ISSN 2412-141X.

**[4-М].** Солехзода, Ф.Ф. Некоторые теоретические вопросы о методах деятельности органов внутренних дел по защите прав и свобод человека и гражданина [Текст] /Ф.Ф.Солехзода [Текст] // Труды Академии МВД Республики Таджикистан – Душанбе, 2024. – №3(63). – С. 135-143; ISSN 2412-141X.

**[5-М].** Солехзода, Ф.Ф. Формирование национальной концепции по правам человека в Республике Таджикистан [Текст] / Ф.Ф. Солехзода // Вестник Филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – 2024. – Т. 2, № 4(44). – С. 202-211; ISSN 2709-6246.

## II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

**[6-М].** Солехзода, Ф.Ф., Маджидзода, Д.З. Исторические этапы эволюции правосознания в Таджикистане: его природа, смысл и содержание [Текст] / Д.З. Маджидзода, Ф.Ф. Солехзода // Государствоведение и права человека. – 2016. – № 4(4). – С. 22-27; ISSN 2414 – 9217.

**[7-М].** Солехзода, Ф.Ф. Особенности формирования правосознания в Таджикистане [Текст] / Ф.Ф. Солехзода // Национальное сознание в праве и экономике в условиях глобализации: Материалы международной научно-практической конференции преподавателей и студентов, Владимир, 27 апреля 2017 года. – Владимир: ФГБОУ ВО «Владимирский государственный университет им. А.Г. и Н.Г. Столетовых», 2017. – С. 104-111.

**[8-М].** Солехзода, Ф.Ф. Диноршоев, А.М. Деятельность органов внутренних дел по обеспечению и защите прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан [Текст] / А.М. Диноршоев, Ф.Ф. Солехзода // Конституция - как фактор стабильности государства: Материалы республиканской научно-практической конференции, Душанбе, 05 ноября 2022 года. – Душанбе: Филиал Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе, 2022. – С. 169-173.

**[9-М].** Солехзода, Ф.Ф. Понятие и содержание конституционно-правового механизма обеспечения прав и свобод человека и гражданина в Таджикистане [Текст] / Ф.Ф. Солехзода // XIII Ломоносовские чтения: Материалы международной научно-практической конференции, посвященной 115-летию академика Бободжона Гафурова, Душанбе, 28–29 апреля 2023 года. – Душанбе: Филиал Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе, 2023. – С. 233-238.

**[10-М].** Солехзода, Ф.Ф. Диноршоев, А.М. К вопросу о понятии и содержании механизма реализации прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан [Текст] / А.М. Диноршоев, Ф.Ф. Солехзода // Вестник Филиала Московского государственного университета имени М.В.

Ломоносова в городе Душанбе. – 2023. – Т. 2. – № 1(30). – С. 50-56; ISSN 2709-6246.

**[11-М].** Солехзода, Ф.Ф. Эволюция прав человека через призму цивилизационного развития общества [Текст] / Ф.Ф. Солехзода // Академическая мысль. – 2024. – № 1(26). – С. 66-69.

**[12-М].** Солехзода, Ф.Ф. Защита прав и свобод человека и гражданина как основное направление деятельности милиции [Текст] / Ф.Ф. Солехзода // Права человека и глобализация: материалы V-ой международной научно-теоретической конференции, посвященной Дню прав человека / Под общ. ред. д.ю.н., доцента Ф.Р. Шарифзода. – Душанбе: Типография МВД Республики Таджикистан, 2023. – С. 220-225.

**[13-М].** Солеҳзода, Ф.Ф. Фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ оид ба таъмин ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.Ф. Солеҳзода // Маҷмуаи маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи "Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳаввул ва дурнамои рушди он" бахшида ба 30-солагии қабули Констиутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани "Соли маърифати ҳуқуқӣ" Зери таҳр. н.и.ҳ., П.А.Насуриён. – Душанбе: Матбааи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. – С. 303-306.

**[14-М].** Солехзода, Ф.Ф. Конституционный механизм реализации прав и свобод человека и гражданина в Республики Таджикистан [Текст] / Ф.Ф. Солехзода // Права человека и глобализация: материалы V-ой международной научно-теоретической конференции, посвященной Дню прав человека / Под общ. ред. д.ю.н., доцента Ф.Р. Шарифзода, д.ю.н., доцента Рахмаджонзода. – Душанбе: Типография МВД Республики Таджикистан, 2024. – С. 231-236.

**[15-М].** Солехзода, Ф.Ф. Теоретические аспекты форм деятельности органов внутренних дел по защите прав и свобод человека [Текст] / Ф.Ф. Солехзода // Права человека и глобализация: материалы III международной научно-практической конференции на тему «юридическая наука и практика», посвященной Дню таджикской науки и объявлению «Года правового просвещения» / Под общ. ред.

к.ю.н., Насуриён П. А, – Душанбе: Типография МВД Республики Таджикистан, 2024. – С. 427-232.

**[16-М].** Солехзода, Ф.Ф. “Насилия в семье: правовые аспекты и перспективы противодействия”, [Текст] / Ф.Ф. Солехзода // Материалы 4 международной научно-практической конферепнции на тему “Юридическая наука и практика”, посвещенная Дню таджикской науки (г. Душанбе, 18 апреля 2025г.) / под.ред. Насуриён П.А.- Душанбе: Типография МВД Республики Таджикистан, 2025, С-183-188.

## СПИСОК ЛИТЕРАТУРЫ (ИСТОЧНИКОВ)

### I. Нормативно-правовые акты

[1]. Программа реформы милиции 2013-2020. Официальный сайт Министерства внутренних дел Республики Таджикистан [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://mvd.tj/index.php/ru/ (дата обращения: 16.08.2024).

### II. Монографии, учебники, учебные пособия:

[2]. Гафуров, Х.М. Судебная система Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы развития [Текст] / Х.М. Гафуров. – Душанбе, 2007. – 186 с.

[3]. Диноршоев, А.М., Сафаров, Б.А. Формирование прав человека в Таджикистане: история и современность [Текст] / А.М. Диноршоев, Б.А. Сафаров. – Волгоград, 2014. – 295 с.

[4]. Диноршоев, А.М. Конституционная регламентация и реализация прав и свобод человека и гражданина: монография [Текст] / А.М. Диноршоев. – Душанбе, 2015. – 209 с.

[5.] Зоиров, Д.М. Таджики: от государства Саманидов до суверенной государственности: историко-правовой анализ [Текст] / Д.М. Зоиров. – СПб.: Реноме, 2014. – 287 с.

[6]. Имомов, А.И. Вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд: ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосӣ [Матн] / А.И. Имомов. – Душанбе: Офсет Империя, 2013. – 224 с.

[7]. Миралиев, И.К. Правовое государство и прав человека: монография [Текст] / И.К. Миралиев. – Душанбе, 2015. – 258 с.

[8]. Рахимзода, Р.Х. Оперативно-розыскная политика в сфере обеспечения экономической безопасности Республики Таджикистан: монография [Текст] / Р.Х. Рахимзода. – Душанбе: Эр-граф, 2018. – 581 с.

[9]. Сафаров, Д.С. Права человека и глобализация в контексте исламской правовой культуры [Текст] / Д.С. Сафаров. – Душанбе, 2014. – 228 с.

[10]. Сулаймонов, М.С. Конституционно-правовой статус Президента Республики Таджикистан [Текст] / М.С. Сулаймонов. – Душанбе, 2019. – 156 с.

[11.] Холиккзода, А.Г., Маджидзода, Дж.З., Одиназода, Р.С. Права человека и конституционно-правовое развитие Таджикистана [Текст] / А.Г. Холиккзода и др. – Душанбе: Мехрона, 2017, 2019. – 488 с.

## III. Статьи и доклады:

[12]. Азизов, У.А. Конституционные основы судебно-правовой политики в Республике Таджикистан [Текст] / У.А. Азизов // Судебная правовая политика в России и зарубежных странах: коллективная монография. – СПб, 2019. – С. 435-439.

[13]. Ализода, З. Защита прав и свобод человека посредством органа Уполномоченного по правам человека [Текст] / З. Ализода // Развитие судебного права, уголовного права и правоохранительной деятельности в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2015. – С. 22-30.

[14]. Гадоев, Б.С. Масоили такмили Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 [Матн] / Б.С. Гадоев // Конститутсия – заминаи ташаккули ҳуқуқ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2014. – С. 49-62.

[15]. Гадоев, Б.С. Нақши Конститутсия дар таъмини таҳкими ваҳдати миллӣ [Матн] / Б.С. Гадоев // Инкишофи падидаи конститутсионализм дар даврони истиқлолияти Тоҷикистон. – Душанбе, 2014. – С. 100-112.

[16]. Рахмаджонзода, Р.Р. История и современность юридической науки Таджикистана [Текст] / Р.Р. Рахмаджонзода // Актуальные вопросы современной науки. – Караганда, 2020. – С. 46-48.

[17]. Розикзода, А.Ш. Воспитательная работа как основа профдеятельности сотрудников ОВД [Текст] / А.Ш. Розикзода // Труды Академии МВД РТ. – 2010. – № 13. – С. 85-92.

[18]. Эльназаров, Д.Х. О механизме обеспечения и гарантиях защиты конституционных прав в Таджикистане [Текст] / Д.Х. Эльназаров // Вестник ТНУ. – 2012. – № 3/4(90). – С.31-38.

## IV. Диссертации и авторефераты:

[19]. Бобоназарзода, Ф.Ш. Конституционно-правовые основы обеспечения личных прав и свобод человека и гражданина органами внутренних дел Республики Таджикистан [Текст] дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.02 / Бобоназарзода Фарход Шарофидин. – М., 2019. – 248 с.

[20]. Камолов, Ш.Х. Конституционно-правовая регламентация институтов защиты прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.02 / Камолов Шехмахмад Хамзахонович – Душанбе, 2019. – 174 с.

[21]. Муминов, У.К. Конституционно-правовые основы статуса иностранных граждан в Республике Таджикистан и роль ОВД в его обеспечении [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.02 / Муминов Улугбек Каримович. – М., 2020. – 213 с.

[22]. Нозакзода, З.З. Институт профессиональных союзов в Таджикистане: историко-правовое и сравнительно-правовое исследование [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Нозакзода Зулхия Загирдавлат. – Душанбе, 2023. – 213 с.

[23]. Раҷабзода, Р.М. Фарҳанги ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Текст]: дис. ... доктори илм. ҳуқуқ: 12.00.01 / Раҷабзода Равшан Муҳитдин. – Душанбе, 2021. – 403 с.

[24]. Рустамзода, М.Р. Проблемы укрепления законности в Республике Таджикистан [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Рустамзода Мухаммадали Рустам. – Душанбе, 2019. – 176 с.

[25]. Саидов, И.И. Развитие личных и политических прав человека в Таджикистане: историко-правовой и общетеоретический анализ [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / 12.00.02 / Саидов Исфандиёр Искандарович. – Душанбе, 2015. – 209 с.

[26]. Салохидинова, С.М. Право на предпринимательскую деятельность в конституционном праве Республики Таджикистан [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.02 / Салохидинова Симо Мухамадиевна. – М., 2016. – 200 с.

[27]. Тошев, А.М. Эволюция правового статуса личности в Республике Таджикистан: историко-правовое исследование [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Тошев Амиршох Мансурович. – М., 2014. –276 с.

[28]. Шарифзода, Ф.Р. Теоретико-правовые основы организации деятельности органов внутренних дел Республики Таджикистан в системе обеспечения национальной безопасности [Текст]: дис. д-ра юрид. наук: 12.00.01/ 12.00.11 / Шарифзода Файзали Рахмонали. – М., 2022. – 556 с.

**V. Электронные ресурсы:**

[29]. Послание Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 22.12.2016 [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://prezident.tj/event/speeches/12761 (дата обращения: 23.05.2024).

## АННОТАЦИЯ

**на диссертацию Солехзода Фарогат Фатхиддин на тему "Органы внутренних дел в государственно-правовом механизме обеспечения конституционных прав и свобод человека и граждана"**

**Ключевые слова:** Органы внутренних дел, права человека, Конституция; закон; государство; методы, формы, принципы, милиция, обеспечение, защита, охрана, реформа, правосознание.

**Актуальность исследования** Защита и реализация конституционных прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан являются ключевыми признаками правового государства и демократического устройства. Несмотря на провозглашение прав личности в Конституции, их эффективная реализация требует комплексного правового и институционального механизма, включая законодательную базу, систему правоприменения, судебную и административную защиту. Особая роль отводится органам внутренних дел как структурам, непосредственно обеспечивающим охрану правопорядка и защиту прав граждан. Реформы милиции (2013–2025 гг.) направлены на повышение эффективности, транспарентности и ответственности правоохранительных органов.

**Цель исследования** – Целью настоящего диссертационного исследования является комплексный анализ конституционно-правового механизма обеспечения прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан с акцентом на роль органов внутренних дел. Для её достижения исследуются теоретико-правовые основы прав человека, структура и эффективность действующего механизма их защиты, проблемы и пути модернизации нормативно-правовой базы, проводится сравнительно-правовой анализ зарубежного опыта, уточняется правовой статус и функции органов внутренних дел

**Для достижения цели диссертации предусматривается решение комплекса научных и прикладных задач**, включая исследование теоретико-правовых основ института прав и свобод человека в Таджикистане, анализ структуры и функционирования конституционно-правового механизма их обеспечения, выявление проблем и направлений его модернизации, изучение зарубежного опыта регулирования деятельности органов внутренних дел, обоснование их роли и правового статуса в системе защиты прав граждан, а также анализ их взаимодействия с другими государственными и общественными структурами.

**Научная новизна исследования**заключается в проведении первого в рамках конституционно-правовой науки Республики Таджикистан комплексного анализа правового регулирования прав и свобод человека и гражданина с выявлением места, и роли органов внутренних дел в механизме их обеспечения и защиты.

## ФИШУРДА

**Ба рисолаи илмии Солехзода Фарогат Фатҳиддин дар мавзӯи «Мақомоти корҳои дохилӣ дар механизми давлатӣ-ҳуқуқии таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд»**

**Калидвожаҳо:** Мақомоти корҳои дохилӣ, ҳуқуқи инсон, Конститутсия, қонун, давлат, усулҳо, шаклҳо, принсипҳо, милитсия, таъмин, ҳифз, муҳофизат, ислоҳот, шуури ҳуқуқӣ.

**Мубрамияти таҳқиқот.** Ҳифз ва татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишонаи калидии давлати ҳуқуқбунёд ва низоми демократӣ мебошад. Ба он нигоҳ накарда, ки ҳуқуқҳои инсон дар Конститутсия эълон шудаанд, татбиқи самарабахши онҳо механизми мукаммали ҳуқуқӣ ва институтсионалиро, аз ҷумла заминаи қонунгузорӣ, низоми ҳуқуқтатбиққунӣ, ҳифзи судӣ ва маъмуриро талаб мекунад. Ислоҳоти милитсия (солҳои 2013–2025) барои баланд бардоштани самаранокӣ, шаффофият ва масъулияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ равона гардидааст. Мубрамияти мавзӯъ бо мушкилотҳои мавҷудбуда дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, таҳдидҳои нав ба амният ва зарурати риояи мутавозини ҳуқуқи инсон вобаста мебошад.

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионии мазкур таҳлили мукаммали механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба нақши мақомоти корҳои дохилӣ мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф, асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҳуқуқи инсон, сохтор ва самаранокии механизми амалкунандаи ҳимоя, мушкилот ва роҳҳои такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди таҳлил қарор мегирад.

**Барои ноил шудан ба мақсади диссертатсия ҳалли ҳалли маҷмӯи масъалаҳои илмӣ ва амалӣ пешбинӣ гардидааст,** аз ҷумла таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии институти ҳуқуқу озодиҳои инсон дар Тоҷикистон; таҳлили сохтор ва фаъолияти механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии таъмини онҳо; муайян кардани мушкилот ва самтҳои навкунии он; омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ дар соҳаи танзими фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ; асосноксозии нақш ва мақоми ҳуқуқии онҳо дар низоми ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрванд; ва таҳлили ҳамкории онҳо бо сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар доираи илми конститутсионӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили ҳамаҷонибаи танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бо муайян намудани мавқеъ ва нақши мақомоти корҳои дохилӣ дар механизми таъмин ва ҳифзи онҳо гузаронида шудаст.

## ANNOTATION

## for the dissertation by Solehzoda Farogat Fathiddin titled “The Role of Internal Affairs Bodies in the State-Legal Mechanism for Ensuring Constitutional Rights and Freedoms of Individuals and Citizens”

**Keywords:** Internal Affairs Bodies, human rights, Constitution, law, state, methods, forms, principles, police, enforcement, protection, reform, legal awareness.

**Research Relevance.** The protection and implementation of the constitutional rights and freedoms of individuals and citizens in the Republic of Tajikistan are key indicators of a rule-of-law state and a democratic system. Despite the proclamation of individual rights in the Constitution, their effective realization requires a comprehensive legal and institutional mechanism, including a legislative framework, law enforcement system, and judicial and administrative safeguards. A special role is assigned to the internal affairs bodies as structures directly responsible for maintaining public order and protecting citizens' rights. The police reform (2013–2025) is aimed at improving the efficiency, transparency, and accountability of law enforcement agencies.

**Research Objective:** The aim of this dissertation research is a comprehensive analysis of the constitutional and legal mechanism for ensuring the rights and freedoms of individuals and citizens in the Republic of Tajikistan, with an emphasis on the role of internal affairs bodies. To achieve this, the study examines the theoretical and legal foundations of human rights, the structure and effectiveness of the existing protection mechanism, issues and ways of modernizing the legal framework, conducts a comparative legal analysis of foreign experience, and clarifies the legal status and functions of internal affairs bodies.

To achieve the objective of the dissertation, a set of scientific and practical tasks is envisioned, including the study of the theoretical and legal foundations of the institution of human rights and freedoms in Tajikistan, analysis of the structure and functioning of the constitutional and legal mechanism for their protection, identification of problems and directions for its modernization, study of foreign experience in regulating the activities of internal affairs bodies, justification of their role and legal status in the system of protection of citizens' rights, as well as analysis of their interaction with other state and public institutions.

**Scientific Novelty of the Research:** The scientific novelty lies in conducting, for the first time within the framework of constitutional and legal science in the Republic of Tajikistan, a comprehensive analysis of the legal regulation of the rights and freedoms of individuals and citizens, with the identification of the place and role of internal affairs bodies in the mechanism of their protection and enforcement.